**Тақриз**

**ба рисолаи номзадии Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик**

Дар адабиёти тоҷикии садаи XX шахсияти эҷодӣ ва фардияти ҳунарии Лоиқ Шералӣ ба эътирофи донишмандон падидаи адабии нотакрор аст. Лоиқ аз оғози фаъолияти эҷодиаш бо ҷозиба, нафосат ва муҳтавою тасвирҳои тозаи нотакрораш таваҷҷуҳи хонандагон ва аҳли назарро ба худ ҷалб карда буд. Бинобар ин замони дар ҳаёт будан ва баъди фавташ низ шахсияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунариаш ҳамеша мавриди назар ва андешаи донишмандони соҳа қарор дошт. Дар ин замина як силсила таҳқиқоти ҷолибе низ ба вуҷуд омад, ки таълифоти Юсуфҷон Акбаров «Нубуғи шеър ва булуғи шоир», Усмонҷон Ғаффоров «Дурдонаи дарё» ва чандин тадқиқоти номзадӣ аз ин ҷумлаанд. Дар ин миён, бо камоли бовар метавон эътироф кард, ки таҳқиқоти Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар бораи Лоиқ ва ҳунари шоирии ӯ ҷойгоҳи хос дорад.

Рисола аз муқаддима, се боб, панҷ фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, масъалаи зинаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳунари шоирии Лоиқ, саҳми ӯ дар ҷараёни инкишофи шеъри муосири тоҷик, хусусиятҳои сохтории шеъри шоир ва ба ин васила шинохт ва арзёбии фардияти эҷодии ӯро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисола унвонҷӯ ба зарурат ва аҳамияти таҳқиқи мавзӯъ таъкид карда, аз ҷумла омӯзиш ва таҳқиқи аҳволу осори Лоиқ Шералиро дар қиёс бо замони зиндагӣ, эҷодиёт ва ҷараёни адабии давр зарур ва муҳим медонад. Дар ин замина муайян намудани равиши ҷустуҷӯҳои бадеии шоир, фардияти эҷодӣ ва нақши ӯ дар инкишофи шеъри муосири тоҷик аҳамиятнок арзёбӣ шудааст.

Муаллифи рисола муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи Лоиқро дар як давраи муҳими ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ ва ошкор

кардани хусусиятҳои фардияти эҷодии ӯро бо таҳқиқоти рисолавӣ зарур ва аҳамиятнок меҳисобад, ки гувоҳи дарки саҳеҳ ва воқеии масъалаҳои мавриди назар аст.

Чунон ки ишора шуд, дар боби ҳаёт ва эҷодиёти Лоиқ таҳқиқоти қобили мулоҳиза анҷом пазируфтааст. Муаллифи рисола таърихи таҳқиқи мавзӯъро мурур карда, собит намудааст, ки дар таҳқиқоти анҷомгирифта ҷустуҷӯҳои эҷодии шоир, аз ҷумла хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули эҷодиёти ӯ дар мабнои (контексти) назми муосири тоҷики солҳои шасти садаи гузашта ва баъди он, махсусияти фардияти эҷодӣ, бадеияти осор ва равиши суннатписандиву навовариҳои ӯ дар шеъри имрӯз ба таври ҷомеъ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Ҳадафу вазифаҳо, методология, усулҳои таҳқиқот ва асосҳои назарии он дар хамин замина ба таври воқеӣ муайян гардидааст.

Дар боби аввали рисола, ки «Вазъи адабиёти солҳои шастуми садаи XX ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ» унвон дорад, муаллиф дар мабнои воқеиятҳои сиёсиву фарҳангии охири солҳои панҷоҳ ва ибтидои солҳои шаст омилҳои манфии таъсиргузорро ба раванди инкишофи адабиёт, аз ҷумла шеъри он рӯзгор муайян карда, сиёсати як дараҷа нарми ҳизби ҳокимро дар давраи зикршуда заминагузори тағйироти мусбат дар пешрафти соҳа медонад, ки Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ҷалол Икромӣ барин адибон аз ҷараёни манфии «фармонравоии томравоӣ» (М.Шакурӣ) раҳоӣ ёфта, ба дарк ва тасвири бадеии рӯйдодҳои замониву таърихӣ гаравиданд. Шоирон дар баробари ҷусторҳо дар мазмуну мундариҷаи шеър, ба кашфи тозаи бадеӣ низ даст ёфтаанд, ки тамоюли дарк ва ифшои рози дили инсон шеъри тоҷикиро аз умумигӯӣ ва иҷтимоъгароии маҳз озод намуд. Унвонҷӯ бо таҳлили қиёсӣ собит кардааст, ки аввал Мирзо Турсунзода, сипас Мӯъмин Қаноату Лоиқ ва баъзе шоирони дигар тавонистанд на фақат рози дил, балки олами ботин, таровишҳои қалбӣ ва ангезишҳои рӯҳии инсонро дар шеър ифода кунанд ва дар ин замина ба ҷамъбастҳои фалсафии воқеиятҳои тасвиршаванда комёб шаванд.

Унвончӯ вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқро дар мабнои ҳамин рӯйдодҳо муайян карда, аввалин шеърҳои ӯ «Ном», «Зарафшон», «Меҳр ва зар», «Арча», «Сабзаи баҳор» ва чандин дигарро нақд мекунад ва ба ин натиҷа мерасад, ки ҳисси масъулият, шинохти қадр ва манзалати сухан, дарки эҳтиёҷи маънавии хонанда дар шаклгирии шахсияти ҳунарии шоир нақши муҳим бозида, таҳаввулоти тадриҷии эҷодии шоирро аз як шеър то шеъри дигар дар шаклу мундариҷа нишон медиҳанд. Ин натиҷагирӣ баъди таҳлили қиёсии сиву ду шеър ва нуздаҳ рубоии нахустин маҷмӯаи шоир-«Сари сабз» даст додаст.

Ба мушоҳидаи саҳеҳи унвончӯ шеърҳои аввалини Лоиқ ифодагари фардияти диди шоирона ва тарзи хоси тасвиркориҳои ӯ мебошанд, ки бо фарогирии мавзӯъҳои муҳим ва тасвири ҳунармандона ҳанӯз ҳам ҷолиб ва диққатангезанд. Дар замина унвончӯ тозакориҳои шоирро дар давраи аввали эҷодиёташ дар кашфи муҳтавои тоза, аз ҷумла масъалаи ҳифз ва посдории суннатҳои миллӣ ва самтгирӣ ба сӯйи худшиносии миллӣ дар мисоли шеъри «Кӯҳистон» нақд карда, ба ин васила моҳияти иҷтимоӣ ва ҳунарии ҷусторҳои Лоиқро дар давраи аввали эҷодиёташ арзёбӣ мекунад.

Дар матни воқеияти замон ва кашфи ҳақиқати бадеӣ шинохтан ва арзёбӣ кардани ҳувияти инсонӣ ва ҳунарии Лоиқ равиши тоза ва пурманфиати ҷустуҷӯҳои илмии муаллифи рисоларо дар ин боб ва бобҳои дигари рисола муайян мекунад. Ҳамин равиши пайгирии собитқадамона аз ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва шинохти фардияти эҷодии Лоиқ дар бобби дувуми рисола, ки «Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ» номида шуда, аз фаслҳои «Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва ҳунари шоирии ӯ», «Лоиқ ва ҳувияти миллӣ» ва «Тасвири табиат дар ашъори Лоиқ» иборат аст, муаллифи рисоларо ба шинохт ва арзёбии бодалели паҳлуҳои дигари ҳунари шоирии Лоиқ комёб кардааст.

Муаллиф дар заминаи нақди мавзӯии шеъри Лоиқ як паҳлуи ҷусторҳои ҳунарӣ ва фардияти эҷодии шоирро мушаххас сохта, ба хулосаи дуруст меояд, ки мазмуну муҳтаво дар шеъри Лоиқ масъалаи

гароиш ба шеъри асилро матраҳ месозад, ки бармегардад ба тарзи ифодаи эҳсос ва ифодаи хоси мавзӯъ дар таҷрибаи шоирии Лоиқ. Ба ифодаи дигар, барои Лоиқ фарогирии ин ё он мавзӯъ дар шеър ҳадафи тавсифӣ ва гузоришӣ надошта, балки ба василаи эҳсос ва отифаи шахсӣ ба он либоси бадеият пӯшондан аст. Дар рисола ин таҷрибаи Лоиқ қиёсан бо таҷрибаҳои М.Турсунзода, Б.Раҳимзода, Ғ.Мирзо, М.Миршакар, А.Шукӯҳӣ ва шоирони дигар арзёбӣ шуда, мустақилияти диди миллӣ, бадеӣ ва фардии шоир дар шинохт ва тасвири мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла модар, ватан ва як силсила масоили иҷтимоӣ аз вежагиҳои ҳунари ӯ шинохта шудааст, ки мушоҳидаи дуруст аст. Аз таҳқиқот бармеояд, ки Лоиқ дар тарҳҳои ғайрисуннатии мавзӯӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шудааст. Дар ин замина муаллиф бо таҳлили шеърҳои дар бораи модар, ватан, ишқ ва ғайра навиштаи Лоиқ андешаашро собит сохта, хулоса кардааст, ки тафаккури хоси миллӣ дар инъикоси бадеии мавзӯот аз вежагиҳои ҳунарии фардияти эҷодии шоир мебошад.

Муаллиф тасвири мазмунҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро низ аз оғоз дар шеъри Лоиқ огоҳона ва ҳунармандона шинохта, ба чунин натиҷа расидааст, ки шеъри сиёсиву иҷтимоии Лоиқ, пеш аз ҳама бо забони асил ва устувори худ тафовут дошта, ҳолу ҳавои сиёсӣ ва иҷтимоиёти як давраи мушаххасро бозгӯ мекунад. Ин гуна шеърҳои шоир оҳанги худшиносии иҷтимоиву маънавӣ дошта, бо тасвирнокӣ таъсиргузоранд. Дар баёни андешаҳои ахлоқӣ низ шоир тарз ва равиши хос дошта, ин қабил шеърҳои ӯ аз аҳкоми хушк ва омӯзишҳои берӯҳ дур ва ҳосили иртиботи ҳунарии шоир бо воқеиятҳои зиндагӣ мебошанд.

Дар фасли дувуми боби дувум ҳувияти инсонӣ ва фардияти эҷодии Лоиқ дар шинохти миллат, ватан ва арзишҳои миллӣ ба таври мушаххас арзёбӣ шудааст. Дар ин замина аз нахустин шеъри шоир «Зарафшон» сар карда, то шеърҳои баъдиаш нақд шудаанд. Дар заминаи таҳлилҳои қиёсӣ муаллиф ба хулосаи дуруст меояд, ки аз солҳои ҳафтод ба баъд афзудани гароиши ёди таърихӣ равиши худшиносии таърихиву

фарҳангӣ ва ҳувияти миллиро дар эҷодиёти Лоиқ тақвият бахшида, моҳияти онро огоҳии комил ва дилбастагии хирадмандона ба фарҳанг, таърих ва тамаддуни гузаштаву ҳозираи миллат муайян мекунад. Сабаби дар ин замина муваффақ шудани Лоиқ аввалан аз шеваи меҳварии зеҳнӣ истифода кардани шоир буда, сониян ҳадафҳои волои ғоявӣ ва бадеӣ доштани ин гуна шеърҳост.

Дар фасли сеюми ин боб мавзӯи тасвири табиат дар шеъри Лоиқ арзёбӣ шуда, муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки Лоиқ аз ҷумлаи шоироне буд, ки дар садаи бист тавонист ба василаи шеъри табиат нуҳуфтагиҳои даруни инсонро дар тасвирҳои табиат кашф кунад ва дар ин замина тасвирҳои муассири бадеиро ба ёдгор гузорад. Мушаххасоти ин гуна шеърҳоро дар сатҳи ашё ва манзараҳои табиат дар боби зиндагӣ ва муҳимоти он андешидани шоир муайян кардааст. Аз ин ҷиҳат диди бадеӣ ва зебоишиносии шоир дар идроки табиат тоза ва амиқ арзёбӣ шуда, шахсиятсозии ӯ дар шеъри табиат паҳлуи дигари ҳунарашро ошкор кардааст.

Аз таҳлили бисёре аз шеърҳои ба табиат бахшидаи Лоиқ унвонҷӯ ба ин натиҷаи дуруст мерасад, ки шоир бо табиат, ашёҳо ва иҷтимои худ робитаи қавии зеҳнӣ дорад. Ин робита ҳангоми тасвири табиат, ашёҳо ва иҷтимоъ дар натиҷаи пайванди рӯҳонӣ ба ҷойи ҳолати физикӣ ва моддӣ аз мабдаи тасвири эҳсосу андеша роз ва сирри ҳастии табиат ва пайванди онро бо иҷтимоъ ошкор мекунад. Ба ифодаи дигар, шоир дар шеъраш ба табиат ва ашёҳои он шакли рӯҳонӣ бахшида, онро фаротар аз ташхис ба назар менамоёнад. Муаллиф вежагии мушаххаси ҳунари шоирро дар сурудани ин гуна шеър дар он дидааст, ки шоир тавонистааст масъалаҳои муҳими ҳастии инсонро бо ёрии тасвирҳои табиат ҳиссӣ карда, ба ин василa тасвирҳояшро аз ҷиҳати мундариҷаву шакл тозагӣ бахшад ва муассир созад.

Масъалаи ташаккул ва таҳаввули навъҳои аслӣ, фаръӣ дар шеъри муосири тоҷик ва дар ин замина дар эҷодиёти Лоиқ дар боби савуми рисола, ки «Навҷӯиҳои Лоиқ дар навъҳои шеърӣ» мавриди арзёбӣ қарор

гирифтааст. Фасли авали ин боб «Шеъри нав ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Лоиқ» унвон дошта, муаллиф саъй кардааст, ки бо таҳлилҳои мушаххас хусусиятҳои шаклӣ, ҳунарӣ ва мундариҷавии ин навъи шеърро дар эҷодиёти шоир муайян намояд. Дар ин замина баъзе мушоҳидаҳо ва хулосабарориҳои ӯ ҷолиб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ӯ ба ин натиҷа расидааст, ки тозаҷӯии Лоиқ дар шакли шеър ба тақозои мундариҷа сурат гирифтааст, ки заминагузори он соҳибихтиёрии шоир мебошад. Унвонҷӯ дар ҳар ду шакли шеъри нав, ҳам нимоӣ ва ҳам озод 215-то шеър гуфтани шоирро таъйид карда, хусусиятҳои сохтори ва мундариҷавии баъзеи ин ашъорро таҳлил намудааст.

Аз таҳлилҳои мушаххаси шеърҳои «Руҷӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт», «Боз як рӯзам гузашт», «Моҳии тилло», «Рӯзҳо мегузаранд», «Ҷуфти ҳамбол», «Қатли дарё» ва ғайра бармеояд, ки шеъри нави Лоиқ ҳамроҳ бо афкор ва андешаи тозаи иҷтимоии ӯ ба вуҷуд омада рушд кардааст. Аз ин ҷиҳат шеъри нав барои Лоиқ тафаннуни шоирона набуда, балки зарурати таърихӣ ва ҳунарию маънавӣ буд. Аз ин ҷиҳат, маҳз омили аслии тағйири шакл ва зарбу оҳанги шеъри шоир гардид. Вежагии дигари ин гуна шеърҳои Лоиқро, ба мушоҳидаи унвонҷӯ тарҳи матлаби нав ва таваҷҷуҳи хоси шоир ба масъалаҳои доги иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавию фарҳангӣ муайян кардааст. Дар ин замина шеъри «Ифтихор ва эътироз» ба таври муфассал таҳлил шуда, дар ин шеър ба забони ширин, образнок ва сода тасвир шудани ғафлати таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии мардум, аз хусусияти имтиёзноки ҳунари Лоиқ тасвир шудааст. Тозагии ҳунари шоирро дар сурудани шеъри нав унвонҷӯ ба таҳлили сохтори шеър низ собит карда, дар ин гуна шеърҳо мавқеи устувор надоштани байт ва ба тақозои андеша ва тасвир дарозу кутоҳ шудани бандҳои шеърро аз хусусиятҳои тарзи нигориши Лоиқ дар эҷоди шеъри нав донистааст, ки дуруст аст.

Дар фасли дувуми боби савум вежагиҳои навъи дигари шеъри Лоиқ- чаҳорпора таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Шакли нави шеъри тоҷикӣ

дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи хос дошта, хусусияти онро мундариҷаи тоза муайян мекунад. Унвонҷӯ заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиши ин навъи шеърро мушаххас сохта, хидмати М.Турсунзода, М. Миршакар, Ғ. Мирзо, М.Қаноат, Қ.Киром, М.Шералӣ ва дигарон дар такмили ин навъи шеърӣ ва устувор шудани сохти композитсионии он таъйид мекунад ва дар замина ба ин намуди шеъри Лоиқ аз назари сохт ва мундариҷа баҳо медиҳад.

Аз нигоҳи унвонҷӯ нахустин шеъри Лоиқ бо мазмун ва қолиби нави чаҳорпора навишта шуда, ифодагари тозаҷӯиву тозагӯии ӯ буд. Шеъри Лоиқ «Ном» ба мафҳуми аслии калимаи «нав» мувофиқат мекард ва аз ҷиҳати мазмун ва шакл аз шеърҳои пешазгузаштагон ва муосиронаш фарқ дошт. Ин шеър бо калимаҳои маънидор дар либоси бадеӣ гуфта шуда, монанди як тоблуи (картинаи) рангоранги музайян ҷилва менамояд, ки аз бисёр ҷиҳат дар шеъри он рӯзгор қобили таваҷҷуҳ буд. Шоир дар эҷоди ин гуна шеър фақат ба тағйири шакли зоҳирии шеър машғул нашуда, балки диди нави шоиронаро низ ба воситаи чаҳорпора ироа намудааст. Навии дигари кори Лоиқ аз он иборат будааст, ки бархе аз калимотро, ки пештар истифода намешуд, ба кор бурд. Қаҳрамони лирики чаҳорпора низ ифодагари дидгоҳи тозаи ҷаҳоншиносии шоир, таҷассумсози идроки бадеӣ ва мудерни ӯ мебошад. Дар замина муаллиф чаҳорпораи «Меҳр ва зар»-ро таҳлил карда, ба ин натиҷа мерасад, ки шакли қофиябандии ин чаҳорпора **аб аб** буда, дар матни тарҷумаҳолии замони зиндагии шоир эҷод шудааст ва дар шеъри ибтидои солҳои шастум бо муҳтавои тоза диққатангез буд.

Унвонҷӯ хусусияти чаҳорпораҳои шоирро дар тағйири зоҳир ва ботинӣ (мундариҷавӣ) ва тагаззулӣ будани он дониста, ба хулосаи саҳеҳ меояд, ки фазои воқеӣ бо омезаҳои романтики ин қабил шеърҳои Лоиқ ба ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикии солҳои шаст бетаъсир набудаанд.

Дар рисола хусусияти сохторӣ, аз ҷумла қофияи чаҳорпораҳоро унвонҷӯ таҳлил карда, баъзеи онҳо аз қабили «Хотира дар пушти сурат»-

ро муфассал нақду арзёбӣ намудааст. Ин шеърро ӯ чаҳорпораи тағаззулӣ унвон карда, меафзояд, ки тасвирҳои шеърии кухнаву нав дар ин чаҳорпора ба ҳам омехта, фазои тозаи умедворкунандаи маънавиро ба вуҷуд овардаанд, ки дар чаҳорпораҳои солҳои шаст равиши тоза буд.

Дар чаҳорпораҳои Лоиқ мазмунҳо, тасвирҳо ва шеваи нигориши шоирона нав ва имрӯзӣ арзёбӣ шуда, муҳри замон дар он ба мушоҳида гирифта шудааст. Аз ин назар зарфияти бештари ин навъи шеъри нав дар эҷодиёти шоир таъйид гардидааст. Аз хусусияти дигари чаҳорпораҳои Лоиқ афзудани лаҳни ривоӣ дар онҳо542 дониста шуда, он ҳамчун омили вусъатбахши муҳтавои ин навъи шеърӣ шинохта шудааст.

Дар рисола муаллиф ба таҳлили таносуби сохторӣ ва мундариҷавии шеъри Лоиқ, аз ҷумла чаҳорпора эътибори хос дода, дар натиҷаи арзёбии чаҳорпораи «Духтари рустоӣ» ба чунин хулоса меояд, ки ин шеър аз даҳ банд иборат буда, дар он лаҳни ривоӣ сохтори (композитсия) онро устувор сохтааст ва миёни бандҳо пайванди амиқи маъноӣ ва тасвирӣ ба вуҷуд овардааст. Ҳамин лаҳни ривоятгуна пайванди маънавӣ ва тасвирии сатрҳои чаҳорпораро низ тақвият бахшидааст, ки аз вежагиҳои ҳунари Лоиқ дар эҷоди ин навъи шеър эътироф шудааст.

Унвонҷӯ собит кардааст, ки Лоиқ доираи мазмуну муҳтаво ва тасвирро дар чаҳорпора тавсиа бахшида, онро фарогири ҳам мазмунҳои тағаззуливу васфӣ, ҳам иҷтимоиву таълимӣ ва ахлоқӣ сохтааст. Ҳамчунин дар ин гуна шеърҳои шоир чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии муосиронаш хеле равшан ва воқеӣ ба тасвир омадаанд. Дар замина чаҳорпораҳои «Ба хотираи Ғоиб Сафарзода» ва «Дар ҷанозаи ҳамсолам» аз ҷиҳати сохторӣ ва мундариҷавӣ таҳлил шуда вежагиҳои тарзи нигориши шоир мушаххас нишон дода шудааст.

Яке аз вежагиҳои дигари чаҳорпораҳои Лоиқро унвонҷӯ дар он дидааст, ки дар онҳо гузариш аз нақл (ашё) ба ҳисси инсон (Ёдам ояд з-он ҳама шӯру ҷунун, Ки фалаҷ шуд аз таҳаммулҳои ман) назаррас будааст. Ба ифодаи дигар дар ин гуна шеърҳои Лоиқ ашё ё шахсияти

муайян (қаҳрамони лирикӣ) ҳаракати маънии шоиронаро, ки ҷамъбасти лирикӣ низ ҳаст, равшан ифода кардааст ва дар тамоми шеър бо унсурҳои ҳиссӣ ва замониву макони тақвият ёфтааст.

Тасвири шоиронаи мавзӯъ дар чаҳорпора, ки онро унвонҷӯ «маънии ҳиссӣ» низ номидааст, ба воситаи матлаи лирики шеър матраҳ мешавад, ки низоми намоиширо дар тасвир намеписандад. Тасвире, ки Лоиқ ироа кардааст, унсури нақлиро дар сабки шоирии ӯ инкор мекунад. Яъне мо аз шеър дар бораи маҳалли вуқуи рӯйдод, замон ва макони он, шахсияти мушаххас ҳеҷ чиз намедонем. Матни лирикӣ, ки сужети лирикиро тарҳ медиҳад, ба дасти хонанда калиди ҳиссиро медиҳад, то ӯ дари мавзеъҳоеро бикшояд, ки он ҷо «монда лахти дил», «нақши по», «номаҳои беҷавоб» ва ғайра. Ин усули тасвири лирикӣ, ки хоси чаҳорпораҳои Лоиқ аст, маънии шоирона ва ҳикматомези сабки зиндагиро ошкор меозад.

Унвонҷӯ таҷрибаи шоирро дар боби ҳунари ӯ дар такмили сохтори ягонаи чаҳорпора арзёбӣ карда, ба чунин хулосаи муҳим меояд, ки ҳар банди ин гуна шеърҳои Лоиқ бо матлаб ва мақтаи гуногунранг шуруъ шуда, ба ҷуз банди охир, ки хулосаи эҳсосот ва андешаи мусалсал аст, василаи устувори пайвандгари бандҳо низ мебошад. Дар аксари чаҳорпораҳои шоир, ки аз рӯйи нақшаи мантиқии инкишофи маънии шоирона бунёд шудаанд, матлау матлаби ҳар банд дар тақвияти ҳиссу андеша нақши хос дошта, мавзӯи аслии баҳси шоирро муайян мекунад. Матлаъ дар чаҳорпораҳои Лоиқ тамоюл ва хаёлоти хос ва муассири ҳиссиро ба вуҷуд меоварад. Илова ба ин матлаи лирикӣ дар чаҳорпораҳои шоир пайванди қавии мантиқии байни бандҳоро низ таъмин намудааст, ки ифодагари хусусияти хоси ин жанри эҷодиёти Лоиқ мебошад.

Натиҷагириҳои унвонҷӯ низ, ки дар охири рисола омадааст, қобили мулоҳиза мебошад. Аз ҷумла хулосаҳои ӯ дар бораи нақш ва ҷойгоҳи Лоиқ дар ҷараёни инкишофи шеъри муосири тоҷик, вежагиҳои ҳунарӣ ва фардияти эҷодии ӯ муҳим буда, бо баёни андешаҳои мушаххас

собит шудаанд. Таъкиди ниҳоии унвонҷӯ бар ин аст, ки Лоиқ ҳамчун шоири суннатгаро ва навовар аз имкониятҳои мундариҷавӣ ва шаклии шеъри суннатӣ устодона истифода карда, ба сохтори мундариҷавӣ ва шаклии шеъри тоҷикӣ таҳаввули тоза бахшид. Мавзӯву масъалаҳои муҳимро ба шеър овард ва ҳунармандона ба тасвир кашид, ки масоили муҳими миллӣ, ватанхоҳӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ аз ҷумлаи он мебошад.

Ҷустуҷӯҳои Лоиқро унвонҷӯ дар шаклҳои суннатӣ ва нави шеъри тоҷикӣ муҳим арзёбӣ карда, онҳоро ифодакунандаи фардияти шоир медонад ва таъкид бар ин дорад, ки истифодаи жанрҳо дар эҷодиёти Лоиқ аз назари таносуби шаклу мазмун хусусияти хос дошта, тозакориҳои ӯ дар корбурди шаклҳои нимоӣ ва шеъри нав ва чаҳорпора равшан ба назар мерасад. Вежагиҳои чаҳорпораҳои Лоиқро муаллифи рисола дар фарогирии ҷаҳони шайъӣ, таассуроти шоирона, маънии ҳиссиро ба образи шеърӣ табдил додан дида, таъкид бар ин дорад, ки Лоиқ на фақат чаҳорпора, балки дигар навъҳои шеъриро аз сурати воқеанигорӣ ва тафаннунӣ берун оварда, ба мазмунофарӣ ва тасвиркорӣ дар онҳо имтиёз дод, ки баёнгари фардияти эҷодии ӯ дар офариниши шеъри асил мебошад.

Ба ин тартиб, рисолаи Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар таҳқиқ ва арзёбии ҷусторҳои ҳунарӣ ва фардияти эҷодии Лоиқ Шералӣ ҳарфи тоза ва бо далел буда, заминаро барои тадқиқоти ҷомеъ боз менамояд. Таҳқиқоти дар ин замина анҷомгирифта дар баробари бартариҳои назаррас аз баъзе камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳоро муҳим медонам.

1. Барои дақиқ ташхис додани бозёфтҳои ҳунарии Лоиқ дар давраи аввали фаъолияти эҷодиаш лозим буд баъзе шеърҳои индавраинаи шоир бо осори М.Турсунзода ва баъзе муосирони ӯ аз назари мундариҷа ва шакл муқоиса мешуд.

2. Ҳангоми таҳлили мавзӯоти шеъри Лоиқ ба омилҳои хаёлангез ва тасвироти балоғӣ дар ташаккули сохтори зебоишинохтии шеър кам

таваҷҷуҳ зоҳир шудааст ва ин равиш унвонҷӯро бештар пойбанди нақд ва арзёбии мавзӯъ кардааст.

3. Дар боби саввум хуб мешуд, ки дар баробари навҷӯиҳои Лоиқро дар шаклҳои шеъри нав ва чаҳорпора муайян намудан, ғазал ва баъзе намудҳои дигар низ арзёбӣ қарор мегирифт.

Камбудиҳои зикршуда арзиши рисолаи мазбурро коҳиш надода, балки фишурдаи рисола, мақолаҳо ва гузоришҳои илмии муаллиф, ки ба нашр расидаанд, гувоҳи арзишмандии таҳқиқоти анҷомгирифта мебошанд. Бинобар ин, рисола тадқиқоти ҷомеъ дар боби ҷусторҳои ҳунарӣ ва фардияти эҷодии Лоиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Доктори илмҳои филология,**
**дотсенти кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти Донишкадаи**
**давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Восиева Р.Қ.**

**Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6. E-mail: v.rukhshona @ mail.ru Тел: +(992)232 50 00**

**Имзои доктори илмҳои филология,**
**дотсент Восиева Р.Қ. –ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори ШК:** **Наҷмиддинов Ш.М.**

**25.01.2019**